# 132438 - Оё барои табиб ҷоиз аст, ки агар аз табобати беморон хаста шавад, рӯзаашро бихӯрад?

## савол

Оё барои табиб дар ҳолатҳои оддӣ ҷоиз аст, ки агар аз табобати беморон хаста шавад, рӯзаашро бихӯрад? Агар амалиёти ҷарроҳиеро анҷом бидиҳад, ки баъзе аз он ҷарроҳиҳо вақти зиёдеро талаб мекунад, ҳукми он чист? Оё ин ҳукм дар ҳолати ёрии таъҷилӣ фарқ мекунад?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Барои табиб ҷоиз нест, ки ба хотири табобати беморон рӯзаашро бихӯрад, магар ин ки вазъияти бемор хатарнок бошад ва табобати ӯ ба рӯзахӯрии табиби дармонкунанда вобаста бошад, дар ин ҳолат барои табиб ҷоиз аст, ки рӯзаашро бихӯрад, зеро инсонеро аз ҳалокат наҷот дода истодааст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод". Поёни сухан.

Кумитаи доимӣ оид ба таҳқиқоти илмӣ ва фатводиҳӣ.

Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз .. Шайх Солеҳ Ал-Фавзон .. Шайх Абдулазиз Оли Шайх .. Шайх Бакр Абузайд.

"Фатово-л-лаҷнату-д-доима". Маҷмӯаи дуввум (9/203).